

# Дастовардҳои охир ва дурнамо барои солҳои 2010-13

**Маърӯзаи ШҲД**

**Киара Бронки, БУ ва Ари Айсен, ФБА**

Форуми рушд

3-4-декабри соли 2010 - Душанбе, Тоҷикистон

Пеш аз паҳн намудан санҷида шавад

# Заминаи макроиқтисодии солҳои 2011-15

- Афзоиши воқеии ММД дар сатҳи 5 фоиз боқӣ мемонад.
- Сатҳи таваррум тадриҷан паст гардида, дар сатҳи 5 фоиз боқӣ мемонад.
- Пас аз яку якбора пастшавӣ дар соли 2009, сатҳи даромад аз андоз тадриҷан барқарор мешавад ва тақрибан 18-19-фоизи ММД-ро ташкил медиҳад; ин маънои онро дорад, ки ҷиҳати беҳтар кардани идоракунии системаи андоз чораҳои зарурӣ дида шуда истодаанд.
- Тавассути дасгирии буҷет бурсҳои хориҷӣ ҷиҳати нигоҳ доштани устувории молиявӣ нақши муҳимро бозида истодаанд; маънои онро надорад, ки метавон дар ҳамин сатҳ давом дод.

# Афзоиши маблағҳои воридшудаистода ва ММД



# Ҷумҳурии Тоҷикистон: Даромад аз андоз
## (ба ҳисоби фоизи ММД)



# Норасоии молиявӣ



# Дурнамои миёнамӯҳлат – хатарҳои асосӣ

- Устувории макроиқтисодӣ дар Тоҷикистон нисбатан дар солҳои охир ба вуҷуд омад; ҳангоми ҳалли проблемаҳои аз гузашта боқимонда нигоҳ доштани дастовардҳои бадастомада муҳим аст.
- Тоҷикистон дар зери таъсири омилҳои беруна – маблағҳои муҳоҷирон, қурби асъор, сатҳи таваррум- қарор дорад.
- Тоҷикистон инчунин мувофиқи стандартҳои ФБА ва БУ оид ба устувории қарзпардозӣ ҳамчун кишвари дорои қарзи калон боқӣ мемонад. Маблағи умумии қарзи давлатӣ ба ҳадди ақалле, ки ба кишварҳои сатҳи даромадашон миёна ва дорои имкониятҳои маҳдуд тавсия дода мешавад, расида истодааст.
- Барои бартараф кардани хатогиҳои гузашта зарур мешавад, ки аз ҳисоби буҷети солҳои оянда низ харҷ карда шавад – хусусан қази хоҷагиҳои пахтакор ва барқарор кардани мабла0и БМТ ва бонкҳои тиҷоратӣ.
- Сатҳи болорафтаистодаи хатар дар системаи бонкӣ ва қарзи КД метавонад ба таври назаррас арзиши чорабиниҳо оид ба ҳалли бӯҳрони эҳтимолӣ дар соҳаи бонкӣ ва хароҷоти ғайричашмдошти КД-ро баланд кунад.

# Тоҷикистон: Қарзи давлатӣ
(ба ҳисоби фоизи ММД)



# Изҳороти асосӣ оид ба устувории макроиқтисодӣ

- Маблағҳои иловагии зарурӣ (аз ҷумла барои афзалитҳои асосии инфрасохтор ва соҳаи иҷтимоӣ) аз сабаби норасоии маблағ (бозори хурди қарзҳо, ҳаҷми маҳдуди депозитҳо ва бонки мустақили марказие, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ намешавад ё мустақиман қарзҳо медиҳад) маҳдуд мебошад. Дар ин замина, чораҳои зерин муҳим аст:
  - Ба афзалият ҷудо кардани хароҷоти асосӣ
  - Кам кардани хароҷоти кунунӣ бо нигоҳ доштани ҳамон сатҳи хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ
  - Маҷбур намудани КД ва бонкҳо ба риояи стандартҳои молиявӣ, ва якҷоя бо ин барҳам додани таъсири ҳукумат ҷиҳати қабули қарорҳои молиявӣ
  - Зиёд намудани чораҳо аз ҷониби ҳукумат оид ба андоз, аз ҷумла ба таври зарурӣ барқарор кардани системаи андози доҳилӣ, чораҳо оид ба ҳал ва ҷамъ намудани андози КБ ва ба таври зарурӣ андозбандӣ кардани истеҳсоли алюминий
  - Самаранок истифода бурдани захираҳои имтиёзноки донорон, аз ҷумла дар сатҳи баланд нигоҳ доштани имтиёзи қарзҳо

# Тавсияҳо дар доираи Созишномаи Фонди қарзҳои мӯҳлаташон дарозкардашуда

- Барҳам додани озодкунӣ аз андоз
- Бештар фаро гирифтани андозсупорандагон дар доираи Нозироти андозсупорандагони калон (НАК)
- Ислоҳоти системаи андоз (бо кӯмаки техникии ФБА)
- Арзёбии хатари молиявии КД ҳамчун як қисми чараёни таҳияи буҷети соли 2012
- Мониторинги КД ва нашри натиҷаҳои аудит
- Амалӣ намудани суратҳисоби ягонаи Хазинаи давлатӣ (бо кӯмаки техникии ФБА ва БУ) ҳамчун як қисми Барномаи идоракунии буҷети давлатӣ

# Раванди охири камбизоатӣ дар 2007-09




**Сарчашма** Кормандони БУ дар асоси Пурсишҳои сатҳи зиндагӣ дар ҶТ 2007 ва 2009 ҳисоб карданд

- Сатҳи камбизоатӣ паст шуда истодааст, аммо на камбизоатии ҳадди ақал
- Сатҳи камбизоатӣ аз ҳама баланд дар ВМКБ (62), Хатлон (54); ва аз ҳама паст дар НТҶ (39), Душанбе (34 фоиз)
- Рушд: дар деҳот бештар мардуми доро рушд ёфта истодаанд, дар шаҳр қишри васеи мардум
- Хонаводаҳои калон, ки сардорашон нисбатан таҳсилоти кофӣ надорад, аз рушд башра набурданд, онҳо хусусан осебпазир мебошанд
- Сатҳи баланди осебпазирӣ: бештари мардуми доро дар ҳамин давра камбизоат шуданд ва баръакс

* Барои маълумоти бештар ниг. ба Маълуомти нав оид ба камбизоатӣ дар ҶТ, 2007-2009, БУ- Минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ, Сентябри 2010.

# Раванди охири камбизоатӣ ва рушди иҷтимоӣ

- Рушди босуръат дар давоми даҳсолаи охир ба пешравии ҳайратоваре ҷиҳати пастшавии сатҳи камбизоатӣ мусоидат кард
- Чунин ҳолат бо маблағҳои воридшаванда ҳам дида мешавад
- Сатҳи камбизоатӣ аз 64%-и 2003 дар 2009 ба 47% паст гардид, камбизоатии ҳадди ақал бошад дар ин давра аз 42 ба 17% фаромад (гарчанд аз 2007 то 2009 нафаромадааст).
- Мутобиқи Индекси рушди инсони БРСММ Тоҷикистон дар давоми солҳои охир пешравӣ ба даст овард ва соли 2010 дар байни 169 давлат ҷои 112-умро ишғол карда, дар байни кишварҳои дорои сатҳи миёнаи РИ ҷой гирифт;
- Ба чунин дастовардҳои ҳайратангез нигоҳ накарда, камбизоатӣ дар ҶТ, хусусан дар ҷои деҳот, ки камбизоатон 75%-и тамоми камбизоатон ва 72%-и камбизоатони ҳадди ақалро ташкил медиҳанд, ҳамчун проблемаи ҷиддӣ боқӣ мемонад.

# Камбизоатӣ ва рушди иҷтимоӣ, давомаш

- Баъзе нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ боло рафт: шумораи мактаббачагон, фавти тифл ва фавти кӯдак;
- Бо вуҷуди ин, шубҳанок аст, ки ҶТ то соли 2015 ба Мақсадҳои рушди ҳазорсола (МРҲ) ноил мегардад.
- Ба чораҳо оид ба беҳтар кардани сохтори иҷтимоӣ (40%-и буҷети давлатӣ барои сохторҳои иҷтимоӣ сарф карда мешавад), сифати хизматрасониҳо дар соҳаи маориф ва тиб аз сатҳи даврони Шӯравӣ паст боқӣ мемонад.
- Қисми зиёди мардум ҳоло ҳам ба хизматрасониҳои аввалиндараҷа танҳо дастрасии маҳдуд дорад. Системаи ҳифзи иҷтимоие, ки барои ҳифзи гурӯҳи осебпазири мардум, аз ҷумла бекорон таъсис дода шуда буд, такмил наёфтааст. Мардуми камбизоат аз ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун мардуми бештар дастрасӣ надошта боқӣ мемонад.

# Дар СПКСК -3 барои якбора баланд бардоштани ММД мақсадҳои калон гузошта шудааст

- ҶТ бӯҳрони иқтисодии ҷаҳониро ба хубӣ аз сар гузаронид ва чи тавре, ки дар гузаштаи наздик нишон дод, қодир аст, ки ММД-и худро дар як сол зиёда аз 5.5% афзоиш диҳад, аммо ин ба осонӣ ба даст нахоҳад омад, мисол, истифодаи дастовардҳо/нерӯи давраи барқарорсозӣ пас аз низоъ ҳоло заиф гаштааст.
- Муҳити беруна нисбат ба солҳои 2000-ум ҳоло камтар мусоид мебошад ва дар зери шубҳа аст, ки баъзе мутаҳаррикҳои рушд дар гузашта устувор гардад.
- Бо вуҷуди ин, чораҳои мувофиқашуда аз ҷониби Ҳукумат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалб намудани сармоягузории хусусӣ, содирот ва таъсиси ҷойҳои корӣ, инчунин дастгирӣ аз ҷониби соҳибкорони тоҷик ва шарикони рушд метавонад ин мақсадро дар давраи миёнамӯҳлат амалӣ гардонад.

# Ислоҳоти охири Ҳукумат

- Сатҳи беҳтаргардидаи фазои сармоягузории хусусӣ
- Беҳтар гардидани дастрасӣ ба кишвар, аз ҷумла нақлиёти ҳавоӣ
- Беҳтар гардидани дастрасии деҳқонон ба замин ва ба тартиб овардани фаъолият дар соҳаи пахтакорӣ
- Пурқувват шудани идоракунӣ дар соҳаҳои алоҳида, мисол, БМТ, КД-ҳои калон, ва идоракунии буҷети давлатӣ

# Барномаҳои ислоҳотии тамомнашудаи Тоҷикистон

- Имконияти рақобатпазир ва гуногункунии маҳсулот барои содирот
- Рушди сохтори хусусӣ
- Рушди соҳаи энергетика ва инфрасохтор
- Соҳаи кишоварзӣ
- Шаффофият ва ҳисоботнокии истифодаи буҷети давлатӣ

# Имконияти рақобатпазир ва гуногункунии маҳсулот барои содирот

- Оянддаи иқтисодиёти ҶТ вобаста аз имконияти рақобатпазири он дар бозори ҷаҳонӣ, хусусан дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ ва муҳоҷирони корӣ пеш хоҳад рафт

- Рушди нерӯи дарозмуддати кишвар дар соҳаи НБО тавассути ҳамкории байни давлат ва сохтори хусусӣ

- Беҳтар кардани ҳамкории минтақавӣ оид ба савдо ва нақлиёт бо Қазоқистон, Қирғизистон ва Хитой

# Имконияти рақобатпазир ва гуногункунии маҳсулот барои содирот, давомаш

- Суръат бахшидани амалисозии стратегияи нақлиёти ҳавоӣ (авиатсия) ва беҳтар кардани дастрасии ширкатҳои ҳавопаймоии байналхалқӣ
- Дидани чораҳо ҷиҳати зиёд намудани манфиати аз муҳоҷирати корӣ ва маблағҳои воридшаванда ба оилаҳо ва кишвар
  - Давом додани чораҳо оид ба муносибати беҳтар нисбати муҳоҷирони тоҷик дар кишварҳои қабулкунанда
  - таъмини  дастрасии муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо ба иттилоот
  - Амалӣ намудани сиёсате, ки сохтори молиявиро ҷиҳати дар сатҳи баланд пешкаш намудани хизматрасонӣ ба муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо ҳавасманд мекунад
  - Сармоягузорӣ намудан ба рушд ва омӯзиши неруи инсонӣ (аз ҷумла малакаҳои махсус ва дониши забонҳо)

# Рушди сохтори хусусӣ барои рушди оянда нақши муҳимро мебозад

- Ба охир расонидани амалисозии Лоиҳаи “Равзанаи ягона”
- Замонавӣ ва соддагардонии идоракунии системаи андоз бо мақсади қулай гардонидани он барои андохсупорандагон
- Давоми додани барномаи беҳтаргардонии “Пешбурди тиҷорат”, аз ҷумла қабул намудан ва амалисозии Қонун оид ба иҷозатномаҳо
- Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба санадҳои ҳуқуқӣ ва тартибот бо мақсади маҳдуд кардани имконияти порахӯрӣ аз сабаби камбудиҳо
- Таъсис додани системаи расмии омӯзише, ки ба шахсони коркофтаистода имкон медиҳад оид ба ҷойҳои кори холӣ иттилоот гиранд ва кӯмак расонидан ҷиҳати баланд бардоштани малака
- Давом додани чораҳо оид ба равзанаи ягона барои тиҷорат
- Бо мақсади рушди савдои дохилӣ эълон намудани ду шаҳри асосии Тоҷикистон – Душанбе ва Хуҷанд – ҳамчун марказҳои рушд
- Беҳтар намудан ва нигоҳдории шабакаи мавҷудаи роҳҳои кишвар бо мақсади рушди савдои дохилӣ ва рушди деҳот

# Энергетика

- Бартараф намудани мушкилот ва истифодаи нерӯи кишвар барои рушди НБО дидани якчанд чораҳои зеринро тақозо мекунад:
  - Реструктуризатсияи "Барқи Тоҷик" ва табдил додани он ба як ширкати замонавӣ, дар сатҳи баланд идорашаванда ва даромаднок
  - Самаранок истифода бурдани қувваи барқ
  - Диққат додан ба зиёд намудани таъмини дохилии барқ ҳангоми рушди нерӯъ барои содирот
  - Гузаронидани арзбии техникиву иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии ҳар як лоиҳаи инвеститсионии нав
  - Маълумоти нав оид ба арзёбии техникиву иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии Лоиҳаи НБО-и Роғун
  - Дарёфти сармоягузории хусусӣ дар соҳаи НБО тавассути ҳамкории байни давлат ва сохтори хусусӣ

# Соҳаи кишоварзӣ

- Ичрои ӯҳдадорӣ ва давом додани суръати ислоҳоти дар соҳаи кишоварзӣ гузаронидашудаистода, хусусан амалӣ намудани сиёсати "озодии интихоби зироат", додани сертификати истифодаи замин, ворид намудании тағъирот ба қонунгузорӣ оид ба замин, реструктуризатсияи заминҳои корам ва ғ.
- Ислоҳоти идоракунии маҳаллӣ бо мақсади дарёфти дастгирии ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷиҳати ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва амалӣ намудани он
- Мутобиқ намудан, ислоҳоти системаи хизматрасонӣ оид ба дастгирии кишоварзӣ – таъмини маводи зарурии кишт, фурӯш/коркарди маҳсулот, хизматрасониҳои машваратӣ/омӯзишӣ, хизматрасониҳои байторӣ бо мақсади қонеъ гардонидани ниёзи хоҷагиҳои хурди навтаъсис
- Давом додани пурқувваткунии тайёрӣ ба офатҳои табиӣ ва рушди нерӯи идоракунӣ
- Дидани чораҳо оид ба устувории сохтор ба тағъирёбии иқлим

# Соҳаи кишоварзӣ, давомаш

- Фароҳам овардани шароити мусоид барои мусоидат ба ва рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат дар ҷои деҳот
- Ислоҳоти системаи обёрикунӣ ва идораи захираҳои обӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии система
- Дастгирӣ намудани рушди зерсохтори тухмипарварӣ
- Фаъол намудани чорабиниҳо оид ба такмили ихтисос ва таҳсилоти касбӣ ва омӯзиш дар ҷойҳои деҳот, бо диққати махсус ба ниёзи соҳаи кишоварзӣ
- Ҷорӣ намудани технологияҳое, ки ҳангоми истифодаи замин ва об ба таъмин намудани устуворӣ ба тағъирёбии иқлим бештар имкон медиҳанд

# Шаффофият ва ҳисоботнокӣ

- Рушди ояндаи Тоҷикистон аз бештар самаранок истифода бурдани захираҳо, ки ин баланд бардоштани сатҳи шаффофӣ ва ҳисоботнокӣ дар назди мардумро тақозо мекунад, ниҳоят вобаста аст.
- Самаранокии фаъолияти Ҳукумат дар тамоми сатҳҳо ва соҳаҳо бояд баланд бардошта шавад.
- Ҷиҳати беҳтар намудани идоракунии буҷети давлатӣ (ИБД) ва фаъолияти сохторҳои давлатӣ корҳҳо аллакай хуб рафта истодаанд, аммо
- Системаи ИБД дар оянда боз ҳам беҳбудиро металабад, аз чумла беҳтар намудани шаффофӣ ва ҳисоботнокӣ , то ки маблағҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои афзалиятҳои кишвар ҷудо шуда, самаранок истифода шаванд.

# Хулоса

- Тоҷикистон метавонад дар давраи миёнамӯҳлат танҳо  тавассути бартараф намудани монеаву мушкилоти асосӣ  ба рушд ва истифодаи тамоми нерӯҳои худ, аз ҷумла тавассути дидани чораҳои зерин рушд ёбад:
  - Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, давом додани ислоҳоти замин ва ҳифзи ҳуқуқ ба моликият бо мақсади ҷалб намудани сармоягузорӣ
  - Гуногун намудани соҳаи кишоварзӣ ва гузариш аз кишти пахта ба зироатҳои хӯрока ва хӯроки чорво тавассути барҳам додани маҳдудият оид ба "озодии деҳқонон ҷиҳати интихоби зироат"
  - Бартараф намудани монеаҳои асосӣ ба монанди таъмини ноустувори барқ тавассути ислоҳоти институтсионалӣ ва идоракунии давлатӣ бо мақсади беҳтар намудани системаи истеҳсол, интиқол ва тақсимот ва баланд бардоштани нархномаҳо барои пурра рӯйпӯш кардани хароҷот



# Поёни маърӯза

**Рахмат ба диққататон**